**ТАҚРИЗ**

**ба диссератсия Саидғанизода Саидсултонхон дар мавзӯи “Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктор PhD - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400-Адабиётшиносӣ (6D021403-Таърихи адабиёт, равобити адабӣ)**

Таҳқиқу пажӯҳиши осори мазҳабиву ирфонӣ ва пайванду таъсири он ба адабиёти форсу тоҷик, шинохту баррасии ҷанбаҳои адабиву бадеӣ ва арзишҳои ҳунарии ин навъ осор дар адабиётшиносии имрӯз аз масоили хеле муҳим ба шумор меравад. Дар давраи истиқлолият имконият пайдо шуд, ки муҳаққиқон ба арзишҳои асили адабиву фарҳангии миллату кишварамон рӯ оварда, дар ин ҷода ҷиҳати ташаккули худшиносиву худогоҳии маънавӣ қадамҳои устувор бардоранд. Дар ин раҳгузор рӯ овардан ба таҳқиқу баррасии сарчашмаҳои асил, осори фалсафию ирфонӣ ва мазҳабӣ низ як самти асосии ҷараёни илмӣ-таҳқиқотии олимони мо қарор гирифт, ки то имрӯз натиҷаҳои хуб ҳам ба бор овард.

Албатта, то замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон низ корҳои шоистае ба сомон расида буданд, ки дар саргаҳи он пажуҳиши устод Р.Ҳодизода “Тасаввуф дар адабиёти форсу тоҷик” қарор мегирад. Вале давоми чанд сол ин раванд бори дигар вусъати тоза касб намуд, ки дар ин ҷода саҳми академик Салимӣ Н., профессорон Насриддиов Ф., Нуров Н., дотсентон Мирсаидов Б., Мирзоев С., Очилова М., Оқилова М., Шарипова М., Исмоилова М., Камолов Ф. ва дигарон хеле зиёд аст.

Имрӯз мо шоҳиди яке аз ҳамин гуна дастовардҳо ҳастем, ки аз ҷараёни таваҷҷуҳи хоса ва шинохти осори ирфонӣ аз дидгоҳи арзишҳои адабиву бадеии онҳо берун омадааст.

Диссертатсияи Саидғанизода С. ба зоти худ ба мавзӯи тоза ва камомӯхташуда бахшида шудааст ва муаррифии яке аз намунаҳои барҷастаи насри ирфонии Аҳмади Ғаззолиро дар худ ғунҷоиш додааст. Муаллиф бештар ба ҷанбаҳои адабию бадеии ду асари ӯ “Савонеҳ” ва “Рисолат-ут-туюр” тамоюл зоҳир карда, дар заминаи омӯзиши назари донишмандони

хориҷиву ватанӣ ҷиҳати таҳқиқи мақоми Аҳмади Ғаззолӣ дар адабиёти форсу тоҷик ва таъйини қимати адабиву бадеии расоили ирфонии ӯ суханҳои мустанад ва мушаххас баён намудааст.

Дар диссертатсияи Саидғанизода С. чунин масъалаҳои муҳими адабиётшиносӣ, аз қабили шарҳи ҳол ва осори Аҳмади Ғаззолӣ, арзишҳои адабӣ ва ирфонии расоили Аҳмади Ғаззолӣ, нусхашиносӣ, хусусиятҳои сабку услуб, усулҳои истифодаи ояту аҳодис ва ашъор дар расоил баррасӣ шудаанд. Вусъати мавзуъ, ҳалли масоили мавриди назар, пайванди маънавии бобу фаслҳо ва хулосаҳои илмии муаллифи рисола бар асоси корбандии усули муқоисавӣ-таърихии таҳқиқ сурат гирифтааст.

Аз баррасии мазмуни диссертатсияи Саидғанизода С. маълум мешавад, ки он аз лиҳози гузориши масъалаҳои муҳимми бунёдии илмӣ, таснифу табақабандӣ, савияи таҳқиқ ва фаровонии маводи таҳқиқ, асосҳои мантиқии баҳсҳои илмӣ асари комили илмӣ мебошад. Сатҳи илмӣ, алоқаи бобу фаслҳо, саҳеҳии мавод ягонагии тадқиқотро таъмин намуда, як проблемаи муҳимми илмиро бо гузориши имконоти инкишофи минбаъдаи таҳқиқ анҷом додаанд. Масъалаҳои асосии илмӣ дар асоси вазъи мазҳабӣ, илмӣ ва фарҳангии мардумони форсизабон анҷом дода шудаанд.

Ҳамин тариқ, ин рисола аз лиҳози интихоби мавзуъ, равиши масъалагузорӣ ва ҳалли онҳо барои адабиётшиносии тоҷик асари арзишманд ва наву нотакрор аст. Муаллиф ба масъалаи арзиши як бахши муҳими насри ирфонӣ аз мавқеи адабиётшиносӣ назар карда паҳлуҳои то ҳол ношинохтаи онро дар раванди таърихии адабӣ равшан кардааст. Диссертатсияи Саидғанизода С. бо тақозои марҳилаи нави инкишофи ҷомеаи Тоҷикистон ва диди тоза ба заминаҳои мазҳабии фарҳангу адабиёт ба вуҷуд омадааст. Ин фазилатҳо маълум месозад, ки диссертатсияи Саидғанизода Саидсултонхон дар мавзӯи “Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ” тибқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қалам омадааст ва шоистаи

дарёфти дараҷаи илмии доктор PhD - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400-Адабиётшиносӣ (6D021403-Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) мебошад.

**Доктори илмҳои филологӣ, профессор,**
**Сарходими Институти илмӣ-тадқиқотии**
**илмҳои ҷомеашиносии МДТ-и**
**«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи**
**академик Б. Ғафуров» Ғаффорова УА.**
**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**вилояти Суғд, ш.Хуҷанд, микрорайони 31, хонаи 6, ҳуҷраи 16.**
**тел. (+992) 927808850**
**E-mail: umedagafari1@mail.ru**

**«Имзои У.А. Ғаффороваро тасдиқ мекунам».**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ**
**«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик**
**Бобоҷон Ғафуров» Наврӯзов Э.М.**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков 1.**
**Тел.: (+992) 900420202**
**E-mail: n.ehson@mail.ru**